КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**ФАРМОИШ**

аз «30» апрели соли 2021 № 130/д.и. ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-045 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ), бинобар риоя нагардидани бандҳои 10,11 ва 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505), Дастурамал дар бораи санҷиши диссертатсияҳо оид ба мавҷуд будани асардуздӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №5/7) ва фармоиши Комиссия аз 27 апрели соли 2020, №4 бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Исматдинов Алишер Муҳамадович рад карда шавад.

3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ тибқи мукаррарот ба роҳ монда шавад.

4. Барои хунукназариву зиёдаравӣ ба раис, муовини раис ва котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ огоҳии қатъӣ дода шавад.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори шӯрои экспертии самти илмҳои Таҳсилот аз 14 апрели соли 2021, №13 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионоии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ аз 27 апрели соли 2021.

Раис Розиқзода А.